***Т А Қ Р И З***

***ба фишурдаи рисолаи номзадии унвонҷӯйи кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» Дилором Каримова таҳти унвони «Асосҳои илмӣ-методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ» (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)***

Рисолаи илмии дессертант Каримова Дилором Отахӯҷаевна ба таҳқиқи яке аз проблемаҳои мубрами илми педагогика - асосҳои илмию методии таълими забони тоҷикӣ дар факултетҳои ғайрифилологӣ (дар заминаи матнҳои тахассусӣ)" бахшида шуда, он аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳрасти адабиёт фароҳам омадааст.

Дар муқаддимаи кор диссертант муҳиммияти мавзуъ, объекти таҳқиқ, мақсади таҳқиқ, фарзияи тадқиқот, асоси назариявии тадқиқот, асоси методологии кор, методҳои таҳқиқ, зинаҳои тадқиқот, ки хусусияти назариявию эксперименталӣ дошта, дар давоми 5 сол (2017-2022) гузаронида шудааст, инчунини навигарии илмӣ ва аҳамияти назариявии он, аҳамияти амалии тадқиқот, нуқтаҳое, ки барои ҳимоя пешбинӣ гаштаанд, апробатсия ва роҳандозии натиҷаи тадқиқоти диссертатсионӣ дар рафти таҷрибаи эксперименталӣ дар Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикии донишгоҳи мазкур, феҳрасти интишороти муаллиф аз рӯи мавзӯи диссертатсия, дар бораи сохтори рисола маълумоти муфассалу дақиқ овардааст.

Дар боби аввали рисола муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки перомуни асосҳои назариявии таълими забони тоҷикӣ, оид ба таълими забони тоҷикӣ аз рӯйи тахассус ҳамчун фанни таълимӣ, масъалаи таълими забони тоҷикӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ андешаронӣ намояд. Аз ҷумла модели таълимиеро пешниҳод менамояд, ки тибқи он равиши дарси амалӣ барои аз худ кардани истилоҳоти соҳавии тахассусӣ, шарҳи хаттии он, шиносоӣ бо лексикаи соҳавӣ, истилоҳот, моҳият ва талаботҳо нисбат ба истилоҳсозӣ, луғати касбӣ, арго ва жаргонҳо мусоидат намуда, маводи ин дарс шогирдонро бо дониш оид ба моҳият, вазифа, хел ва хусусиятҳои истилоҳоти соҳавӣ мусаллаҳ менамояд. Инчунин дар дарс тавассути машқҳо ва саволу ҷавоби тестӣ дониш ва малакаи муҳассилин оид ба мавзӯи истилоҳот мустаҳкам карда мешавад, донишҷӯён дар ин дарс дар бораи моҳият ва вазифаҳои маъноию услубии синонимҳо дар матн маълумоти мушаххас намудани матни таълимӣ амалӣ мегардад ва ниҳоят дар навиштор ё гуфтор дар интихобу истеъмоли калимаҳо, ибораоройӣ, ҷумлабандӣ, масъалаҳои имло ва талаффуз мутобиқ ба меъёрҳо (қоидаҳо) – и забони адабӣ дониши фарогир ба даст меоранд.

Дар боби дуюми рисола, ки "Кори таҷрибавӣ – эксперементалӣ оид ба таълими забони тоҷикӣ дар асоси матни тахассусӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологӣ" унвон дорад, зимни баррасии масъалаҳои асосҳои назариявӣ ва методии таълими забони тоҷикӣ дар асоси матни тахассусӣ, пешниҳоди системаи машқҳо оид ба таълими забони тоҷикӣ дар асоси матни тахассусӣ натиҷаҳои кори таҷрибавӣ – эксперементалӣ оид ба таълими забони тоҷикӣ дар асоси матни тахассусӣ ба донишҷӯёни факултетҳои ғайрифилологиро пешниҳод менамояд.

Дар боби дуюми рисола инчунин системаи машқҳо, супоришҳо барои машғулиятҳои амалӣ, КМРО, КМД аз забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ дар асоси матнҳои тахассусӣ пешниҳод карда шудааст, ки самаранокии онҳо бо истифодаи чунин усулҳо, аз қабили кор бо матни тахассусӣ, шарҳи вожаҳои душворфаҳм, шарҳи истилоҳот, моделсозии воҳидҳои лингвистӣ, таҳлили матн, интихоб ва ворид кардани калимаҳо, кор бо матни тахрифшуда, тартиб додани нақша ва ғайра имконпазир аст.

Аз ҷониби муаллиф ҳангоми ба низом даровардани системаи машқҳо барои маданияти сухан муайян ва тавсиф карда шуданд; пайдарпаии оқилонаи татбиқи онҳо муқаррар карда шудааст; дар заминаҳои онҳо системаи машқҳо сохта шудаанд, ба ташаккул ва рушди минбаъдаи нутқи донишҷӯён мусоидат мекунанд.

Бояд гуфт, ки самаранокии методологияи пешниҳодшуда тавассути маълумоти назоратӣ тасдиқ карда шудааст ва он имкон медиҳад, ки дурнамои истифодаи минбаъдаи он дар таълими забони тоҷикӣ ва маданияти нутқ амалӣ гардад.

Навгонии рисола аз он иборат аст, ки муаллиф модели пешниҳоднамудаи таълимиро зимни ташаккули салоҳиятҳои касбии ҳам омӯзгорони забони тоҷикӣ ва ҳам ташаккули салоҳиятҳои касбии мутахассиси оянда мавриди баррасӣ қарор додааст. Инчунин муаллиф ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботии донишҷӯёнро зимни кор бо матнҳои тахассусӣ пешниҳод менамояд.

Диссертатсияи мавриди назар таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи методикаи таълими забони тоҷикӣ маҳсуб ёфта, он ба талаботи меъёрӣ дар бобати таҳқиқ, коркарди усулҳои пешқадаму фаъоли таълими забони тоҷикӣ мутобиқ ва барои ташаккули маҳорату малакаи мутахассисони ояндаи соҳаи таърих ва ҳуқуқ мусоид арзёбӣ мегардад.

Дар баъзе саҳифаҳои кор ғалатҳои имловӣ, ҷумлаҳои ноқис ва умумигӯӣ, номутобиқатии иқтибос бо феҳрасти адабиёт, намудани хронология дар феҳрасти адабиёт номуайянии манбаи матнҳои тахассусӣ ба назар мерасад, ки мазмун, мӯҳтаво, сохтор ва ғояи дисертатсияро халалдор накардааст, аммо ислоҳи онҳо ба фоидаи кор маҳсуб мешавад.

Мазмуну мӯҳтавои диссертатсия ба соҳаи шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) комилан мувофиқ аст.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ тибқи қарори Ҳукумати ҶТ ҷавобгӯй буда, барои баррасӣ дар зинаҳои минбаъда ва ҳам дифоъ пешниҳод мегардад.

Муқарриз
Дотсенти кафедраи забони давлатӣ
ва хориҷии Донишкадаи кӯҳию
металлургии Тоҷикистон: Ҷалолова З.А.

**Маълумот барои тамос:**

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Бустон, кӯчаи Баротов А.

**Тел:** +(992) 92 928634309

**E-mail:** zuhrojalolova1970@gmail.com

Имзои Ҷалолова З.А.-ро тасдиқ мекунам: 30.03.2024

Сардори РК ва КМ
Донишкадаи кӯҳию металлургии
Тоҷикистон: Муъминова Д.И.